السنّة النبوية وعلومها
www.sunnah.global

# Ба дурустӣ, Худованд фаризаҳоро муқаррар намуд, пас онҳоро зоеъ накунед; ва ҳудудҳоро (барои уқубату ҷазо) муайян сохт, пас онҳоро таҷовуз накунед; ва ҳаромҳоро ҳаром гардонид, пас ба онҳо наздик нашавед; ва дар бораи (баъзе) чизҳо бинобар меҳрубонӣ намудан барои шумо на аз рӯйи фаромӯшӣ, сукут (ихтиёр) кард, пас шумо онҳоро ҷустуҷӯ накунед

Аз Абусаълаба ал-Хушанӣ, Ҷурсум ибни Ношир (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) гуфт: "Ба дурустӣ, Худованд фаризаҳоро муқаррар намуд, пас онҳоро зоеъ накунед; ва ҳудудҳоро (барои уқубату ҷазо) муайян сохт, пас онҳоро таҷовуз накунед; ва ҳаромҳоро ҳаром гардонид, пас ба онҳо наздик нашавед; ва дар бораи (баъзе) чизҳо бинобар меҳрубонӣ намудан барои шумо на аз рӯйи фаромӯшӣ, сукут (ихтиёр) кард, пас шумо онҳоро ҷустуҷӯ накунед".

[قال النووي: حديث حسن] [رواه الدارقطني في سننه وغيره]

Паёмбари Худо (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хабар медиҳад, ки Худованд чизҳоеро воҷиб гардонида ва фарзҳоеро муқаррар намудааст, пас ба онҳо пойбанд бошед ва дар иҷрои онҳо кӯтоҳӣ накунед. Ва бароятон марзҳо ва боздорандаҳое муайян кардааст, ки шуморо аз корҳои написанд бозмедоранд, пас бар он чи шариат фармон додааст, наяфзоед. Ва муҳаррамотеро ҳаром гардонидааст, пас аз онҳо парҳез кунед ва ба онҳо наздик нашавед. Аммо он чизҳое, ки Худованд дар борааш сукут кардааст, онҳоро аз рӯи раҳматаш барои шумо вогузоштааст, пас бар асли мубоҳ ва ҳалол боқӣ бимонад, бинобар ин, дар пайи ҷустуҷӯи онҳо набошед.

https://sunnah.global/hadeeth/tg/show/66510